# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 037-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

дар бораи диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

**Парвандаи аттестатсионии № 12**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 3-юми майи соли 2023 – юм** дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 -Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич, соли таваллудаш 1961, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1984 факултети педагогика ва методикаи омӯзиши ибтидоии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Аз соли 1984 то моҳи августи соли 1991 дар муассисаи таҳсилоти умумии рақами 8-и ноҳияи Данғара ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуд. Аз сентябри соли 1991 то соли 2005 ҳамчун ҷонишини директор оид ба таълими муассисаи №60-и ноҳия ва аз 29-уми декабри соли 2005 директори ҳамин муассиса шуда кор кардааст. Аз соли 2014 то марти 2015 дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара, аз 13-уми марти соли 2015 то 15-уми октябри соли 2015 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва аз 15-уми октябри соли 2015 то 1-уми августи соли 2020 декани факултети забонҳои Донишгоҳи мазкур кор кардааст. Аз 1-уми августи соли 2020 то 26-уми июни соли 2021 ба ҳайси мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва аз 26-уми июли соли 2021 то сентябри соли 2022 декани факултети тайёрӣ ва бозомӯзии касбӣ ва аз сентябри соли 2022 то моҳи марти соли 2023 муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намудааст. Аз моҳи апрели соли 2023 то имрӯз ҳамчун мутахассиси шуъбаи

мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии Данғара кор мекунад.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Нуралӣ Норович мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Солиҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович -** номзади илми филология, муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ». Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа, мудири кафедраи адабиёти тоҷик, номзади илми филология Холиқова З. К., ташхисгар - номзади илми филология, дотсенти ҳамин кафедра Содиқов Ё. ва котиби ҷаласа доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, и.в. дотсент Шамшоди Ҷ. расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Таҳқиқу баррасии сохтору муҳтаво, муҳимтарин вежагиҳои сабкӣ, мундариҷаи осори ёддоштии Убайд Раҷаб дар адабиётшиносии тоҷик дар шумори мавзуоте қарор дорад, ки то кунун ба таври шоиста мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия мавзуи мазкур бар асоси талаботи муқарраршуда ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф моҳияти мавзуъ, вазифаҳо ва масъалаҳои меҳварии таҳқиқотро дар сатҳи матлуб дарк намуда, бо истифода аз усулҳои шарҳу таҳлили матн, омориву тавсифӣ, муқоисавӣ-таърихӣ баррасии онро ба таври илмӣ арзёбӣ кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 фасл, хулоса, рӯйхати осори таҳқиқӣ ва номгӯйи мақолаҳои муаллиф иборат аст.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» таҳқиқоти анҷомёфта ба шумор рафта, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қалам омадааст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Дар қисмати татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзуъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[**1-М**]. Давлатов У. М. Ёддошти воқеӣ аз корнамоии як афсари зиндаёди тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №3. – С. 243-250.

[**2-М**].Давлатов У.М. Инъикоси ваҳдат ва ободгарӣ дар адабиёти атфоли тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №2. – 205-209.

[**3-М**]. Давлатов У. М.Таҳқиқи ёдкардаҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода дар китоби "Зинда ба ишқ" / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2019.– №3. – С. 281-287.

[**4-М**]. Давлатов У.М. Садоқати баён ва вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2020. – №3. – С. 207-212.

[**5-М**] Давлатов У. М. Мақом ва ҷойгоҳи адибон дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ –2021.– №1/4(92). – С. 36-38.

[**6-М**]. Давлатов У. М. Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни Убайд Раҷаб дар жанри ёддоштӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –2022.– №1-3(102)**. – С. 30-33.**

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[**7-М**]. Давлатов У.М. Ҳусейнзода Ф.. Назаре ба осори публитсистии Убайд Раҷаб. //Садои Шарқ.- 2017.- №6. – С. 145-157.

[**8-М**]. Давлатов У. М. Омилҳои ба кори эҷодӣ даст задани С.Айнӣ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 140-солагии бузургдошти устод С.Айнӣ дар мавзуи "Садриддин Айнӣ бунёдгузори асолати сухан ва фарҳанги миллӣ". Душанбе: ЭР-граф. –2018. – С.93-98.

[**9-М**] Давлатов У.М. Симои воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷойгоҳи Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ дар адабиёти навини тоҷик. -Хуҷанд : Нури маърифат.– 2021.– С.80-84.

[**10-М**]. Давлатов У.М. Анъана ва навоварии ёддоштнависӣ аз тарафи адибон дар адабиёти қарни XX. Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба "Рӯзи забони давлатӣ". //Паёми ДДД.– 2022.- №1(11).– С. 73-77.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Тақриз ба фишурдаи рисолаи Давталов Умаралӣ Мирзоалиевич аз ҷониби доктори илми филология, директори китобхонаи маркази илмии ба номи И. Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Шодимуҳаммад Сӯфизода** ирсол шудааст, ки дар он таҳқиқоти муаллиф кори илмии мусбат ва баанҷомрасида арзёбӣ гардида, дар баробари ин, муқарриз камбудиҳои зеринро ишора намудааст: 1. Аз мутолеаи автореферат маълум мешавад, ки диссертант бозтоби чеҳраҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзодаро дар фаслҳои алоҳида ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба андешаи мо, агар таҷассуми симои Пӯлод Толисро низ дар алоҳидагӣ таҳқиқ менамуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам меафзуд, зеро дар бораи ин адиб низ хотираҳои хешро нависанда хеле муфассал ва дар чанд қисса баён доштааст. Аз сӯйи дигар, чун зиндагӣ ва осору шахсияти Пӯлод Толис дар адабиётшиносии тоҷик хеле кам таҳқиқ шудааст, ёддоштҳои Убайд Раҷаб хеле аз нукоти марбут ба рӯзгору эҷоди адибро равшан месозад. 2. Дар автореферат бархе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст.

2. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич аз тарафи доктори илми филология, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович** навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз дар баробари дастовардҳо дар тақриз баъзе камбудиҳои зеринро зикр мекунад. Аз ҷумла, дар боби аввали диссертатсия масъалаи таснифоти анвои насрро ба таври алоҳида баррасӣ намудааст ва тавре худи ӯ низ ишорат дорад, дар ин самт пажӯҳишҳои муайяне дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба анҷом расидаанд. Ба назари мо, хуб мешуд, ки пажӯҳишҳои дар заминаи таҳқиқи таснифоти насри классикӣ ва анъанаи ёддоштнависӣ анҷомдодаи муҳаққиқони кишвари Ӯзбекистон низ мавриди истифода қарор мегирифтанд, арзиши диссертатсия боз ҳам меафзуд. 2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

3.Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Одинаев Нурмуҳаммад** навишта шудааст. Муқарриз баробари зикри арзишҳои диссертатсия ба баъзе камбудиҳои он низ таъкид намудааст. Аз ҷумла, дар боби 1-уми диссертатсия, ки се фасли алоҳидаро дар бар мегирад ва муаллиф дар он роҷеъ ба гузаштаи насри тоҷик (яъне насри классикии форсу тоҷик), жанрҳои асосӣ ва маъруфи насри классикӣ, мавқеи ёддоштнигорӣ дар насри пешин ва идомаи суннати ёддоштнависӣ дар насри муосири тоҷик сухан рондааст, хубтар мешуд, ки як фасли алоҳида бо унвони махсус ба рӯйкарди Убайд Раҷаб бар нигоштани ёддошт ва идома ёфтани анъанаи ёддоштнигорони классикӣ дар эҷодиёти адиби мазкур ихтисос дода мешуд. Дар чунин ҳолат робитаи мантиқии боби 1-ум бо унвони кор зичтар мегардид. 2. Дар кор оид ба мероси адабӣ, хусусан, мероси

насрии Убайд Раҷаб, фасли алоҳида вуҷуд надорад. Фикр мекунам, муаллиф фасли алоҳидаеро, масалан, зери унвони “Насри Убайд Раҷаб ва мавқеи ёддоштнигорӣ дар он” ҷудо мекард ва ҳамин фаслро ба ҳайси фасли охири боби 1-ум истифода менамуд, хеле хуб мешуд. Аввалан, камбудии мавзуии кор дар иртибот бо ёдкарди мероси адабии Убайд Раҷаб пурра мешуд; баъдан, робитаи мантиқӣ миёни боби нахустин ва баъдии кор эҷод мешуд ва фасли мазкур чун занҷир ҳалқаҳои мавзуи умумии корро бо ҳам пайванд медод. 3. Дар автореферати кор баъзан хатоҳои услубӣ имлоӣ ва китобативу техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо муҷиби пухтагиву камоли кор хоҳад гашт. Чунончи, ба ҷойи “варзидаанд” – “варзидаенд” чоп шудан (саҳ. 13), дар калимаҳои арабии амсоли “Нуъмон”, “тул” ва “Шуравӣ” бар хилофи нишондоди имлои забони тоҷикӣ истифода кардани “ӯ” (саҳ. 12, 19, 3), дар пайвандаки “агарчи” ба кор бурдани “-ӣ” (саҳ. 13), ба ҷойи “мутолиа” – “мутолеа” навиштани калимаи арабӣ (саҳ. 15), ва амсоли инҳо аз шумори ҳамин гуна ғалатҳо маҳсуб меёбанд, ки ислоҳи онҳо муҷиботи зебоии онро ба бор меоварад.

4. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз тарафи номзади илми филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Зиёев Субҳиддин Насриевич** навишта шудааст, ки дар он таҳқиқоти диссертант кори илмии анҷомёфта муаррифӣ гардида, ба он маҷмуан баҳои мусбат дода шудааст. Муқарриз дар баробари комёбиҳо ба баъзе иштибоҳи диссертант ишора кардааст: Аз ҷумла, дар боби аввали диссертатсия таснифоти насри классикии форсу тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Маълум аст, ки дар ин бора муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дидгоҳҳои муайяне доранд. Хуб мешуд, ки диссертант мулоҳизаҳои хешро дар бораи назару дидгоҳҳои ин донишмандон баён менамуд. Дар тақризи мазкур низ ба мавҷудияти ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ишорат шудааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ аҳаммияти зиёди назариявию амалӣ доштани тадқиқоти илмиро таъкид карда, баробари он баъзе нуқсони ҷузъиро ишора кардаанд, ки онҳоислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муқарризон барои афзудани сатҳи пажӯҳиш пешниҳодҳои мушаххас баён доштаанд.

**Муқарризони расмӣ** мутахассисони намоёни соҳаи адабиётшиносӣ ба шумор рафта, дар ин самти таҳқиқот асару мақолоти зиёде ба табъ расонидаанд, ки мазмуну мухтавои пажӯҳиши илмии эшон ба мундариҷаи диссертатсияи баррасишаванда пайванд доранд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** яке аз марказҳои бонуфузи ҷумҳурӣ буда, мутахассисони он дар таҳқиқи масоили гуногуни адабиётшиносӣ ва таълиму тадриси масъалаҳои мубраму муҳимми он машҳур ба шумор мераванд.

Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки диссертант дар рисолаи худ асарҳои ёддоштии Убайд Раҷабро аз назари сохтору мундариҷа, сабки таълиф ва арзишу аҳаммияти онҳо дар адабиётшиносии тоҷик таҳлилу баррасӣ намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки агарчи ин суханвари мумтоз бештар чун шоири кӯдакон дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ шинохта шудааст, вале ёддоштҳои ӯ бо назардошти он ки бештар дар бораи аҳли адаб ва пайванди муаллиф бо суханварони бузурги ҳамрӯзгори хеш ба қалам омадаанд, аз ҳар ҷиҳат қобили аҳаммият мебошанд. Муаллифи диссертатсия муҳимтарин масоили мавриди таҳқиқро ба бобу фаслҳо ҷудо карда, талош намудааст, ки сайри таърихии таҳаввули ёддоштро дар адабиёти тоҷик ба таври мушаххас шарҳу тафсир намуда, ҷойгоҳи Убайд Раҷабро дар ташаккули суннатҳои хоси он муқаррар созад. Ҳарчанд сайри таърихии таҳаввули жанри ёддошт дар пажӯҳишҳои мухталифи донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо дар ин диссертатсия манзури аслӣ муайян кардани мавқеи асарҳои ёддоштӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, бар асоси таҳқиқи осори ёддоштии шоири бачагон Убайд Раҷаб дар диссертатсия муқаррар шудааст, ки ин адиби номвар дар баробари мусоидат ба рушди адабиёти кӯдакони тоҷик бо таълифи силсилаи осори ёддоштӣ саҳми худро дар инкишофи ин навъи муҳими наср низ гузоштааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камтар баррасишудаи марбут ба фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб пайванд гирифта, дар омӯзиши осори насри бадеии ӯ, алалхусус, ёддоштҳои вай маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар омӯзиши насри ёддоштии тоҷик ва марҳилаҳои таҳаввули ин жанр, тағйироти падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва сабки насри ёддоштӣ дар садаи бистум мусоидат карда метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро метавон дар таълифи таърихи муҳташами адабиёти муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурд. Аз маводи диссертатсия ҳангоми омода сохтани курси лексияҳо дар адабиёти муосири тоҷик, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик», «Назария ва амалияи жанри наср» дар факултетҳои филологияи тоҷики мактабҳои олӣ метавон ба кор гирифт. Инчунин, аз натиҷаҳои бадастомада омӯзгорон ҳангоми хондани курсҳо ва семинарҳои махсус дар факултетҳои филология метавонанд истифода баранд ва кафедраҳои марбут ба факултетҳои филологӣ номгӯйи мавзуъро метавонанд ба сифати фанни элективӣ ба нақшаҳои таълимӣ ворид намоянд.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки боби аввали он **"Жанри ёддошт ва мавқеи он дар насри муосири тоҷик "** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар ҷараёни баррасиҳои анҷомёфта муаллиф кӯшидааст,

ки сайри таърихии ташаккули жанри ёддоштро ба таври мухтасар баррасӣ намуда, нахуст аносири онро дар таркиби анвои мутадовили насри классикӣ, чун таърихномаву тазкираҳо, маноқибу мақомот бозҷӯӣ ва заминаҳои таҳаввули ин навъи муҳими насрро таҳқиқ кунад. Аз таҳқиқи муаллиф бармеояд, ки жанри ёддошт дар қарни XX ба як марҳилаи нави ташаккули худ дар адабиёти муосири тоҷик ворид гардид, ки ба ин хидматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ гувоҳ мебошанд. Бо иншои китоби «Ёддоштҳо»-и хеш дар заминаи анъанаҳои классикии он устод Айнӣ муваффақ шуд, ки истиқлоли онро аз дидгоҳи навъи адабӣ таъмин намояд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқи инкишофи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик ба хулосае расидааст, ки ҳарчанд қабл аз Убайд Раҷаб адибон дар ин ҷода қаламфарсоӣ кардаанд, аммо вай бо зеҳни халлоқи худ ва бо таъсир аз гузаштагони адаби форсӣ-тоҷикӣ осори гаронарзише бар ҷой гузошт.

Боби дуюми диссертатсия **“Убайд Раҷаб ва идомаи суннатҳои ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик”** ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Муаллиф дар навбати аввал осори ёддоштии нависандаро аз назари сохтор ва муҳтаво, мазмуну мундариҷа ба риштаи таҳқиқ кашида, кӯшиш ба харҷ додааст, ки вежагиҳои сабкиву забонии осори ёддоштии ӯро, ки асосан дар се китобаш “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош” ва “Зинда ба ишқ” ҷой гирифтааст, ба риштаи таҳқиқ кашад. Ҳамзамон, дар фаслҳои боқимондаи ин боб симои бадеӣ шахсияти адабиро дар мисоли Садриддин Айнӣ аз китоби “Дӯш будам ҳамнишин” ва шахсияти воқеиро дар асари ёддоштии “Марди майдони талош” -и Убайд Раҷаб мавриди пажӯҳиш қарор дода, маҳорати нависандаро дар офариниши чеҳраҳои адабӣ ва воқеӣ нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия **“ Симои аҳли адаб дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ва тасвири чеҳраи муаллиф дар хотироти ҳамқаламон”** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Муаллиф нахуст ба таҳқиқи нақши нависанда дар тасвири шахсият ва симои эҷодии Мирзо Турсунзода дар китоби “Зинда ба ишқ” пардохтааст. Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ муқаррар сохтааст, ки маҳз ҳамкориҳои пайваста ва робитаи устодиву шогирдӣ омил бар муваффақ гардидани Убайд Раҷаб дар тасвири ҷаҳони ботинӣ ва шахсияти эҷодии Мирзо Турсунзода ва саҳми ӯ дар камолоти маънавии адибони дигар гардидааст. Дар баробари ин, Убайд Раҷаб бо ихлосу иродате, ки нисбати шоирону адибон дошт, симои дар китоби “Дӯш будам ҳамнишин” муҳимтарин ёддоштҳои арзишмандро дар бораи суханвароне чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Лоиқ Шералӣ, Наримон Бақозода ва дигарон ба қалам овардааст, ки дар баробари арзиши муҳими ёддоштӣ доштан, аҳамияти хосаеро дар шинохти масоили адабиётшиносӣ соҳиб мебошанд, зеро нуктаҳои фаровонеро аз рӯзгори суханварони ҳамзамони шоир шарҳу тафсир мекунанд. Муаллиф бар асоси пажӯҳишҳои худ ба хулосае расидааст, ки баҳсу баррасиҳои дар ёддоштҳои адибону олимон

дар бораи Убайд Раҷаб ба қалам омада, ин нуктаро муқаррар менамоянд, ки маҳз тавассути ин навиштаҳо, ки бештари онҳо хислати ёддоштӣ доранд, нукоти муҳими зиндагонии адиб равшан мегарданд. Аз ин нигоҳ, онҳо низ дар шинохти ҷойгоҳи адиб дар адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла идомаи анъанаи ёддоштнависӣ аз арзиш ва аҳамияти муҳим бархурдоранд.

Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаи тазаккурёфта муаллиф аз дастовардҳо ва методҳои пешгирифтаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, амсоли Э. Браун, Е. Бертелс, Ҳ. Эте, А. Э. Я. Рипка, М.Баҳор, С. Шамисо, М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А.Абдуллоев, Н. Маъсумӣ, С. Саъдиев, С. Табаров, Х. Шарифов, Ю. Салимов, А. Раҳмонов, А. Сатторзода, Х. Шарипов, А.Насриддин, Н. Салимӣ, М. Мирзоюнус, А. Маҳмадаминов, Н. Файзуллоев, Ш. Солиҳов, Н. Бозоров, Ф. Ҳусейнов, Ҳ. Боқиев, Н. Нуров ва дигарон ба сифати муттако истифода намудааст.

**Натиҷаи таҳқиқ**ро ҳамчун маводи таълимӣ дар ҷараёни тадриси адабиёти муосири тоҷик барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ, барои таҳияи мавод дар самти омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносӣ: таърихи адабиёти муосир, назарияи адабиёт, поэтикаи жанри ёддошт, барои таълифи корҳои илмӣ ва ғайра мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми бевоситаи муҳаққиқ** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бори аввал ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои тоза ва суннатҳои хоси он дар таркиби осори насрии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии тоҷик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ - садаи бист ва ибтидои садаи XXI мусоидат хоҳад намуд. Ҳамчунин, баррасии мавзуъ имконият додааст, ки муаллиф дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва забону услуби он тасаввури возеҳ ҳосил намояд. Ҳамзамон, таҳқиқи ёддоштҳои Убайд Раҷаб аз нигоҳи сохтор, мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ, сабк, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар рисола ба таври махсус ва бори аввал ба таври густарда сурат гирифтааст.

Муайян кардани сохтор, бандубаст, ҷамъоварии мавод, муқоиса шарҳу таҳлили матн, хулоса – таълифи диссертатсия ба довталаби дараҷаи илмӣ мансуб аст. Муаллифи диссертатсия дар заминаи нуктаҳои мазкур 10 мақолаи илмиро ба нашр расонида, дар конференсияҳои сатҳҳои мухталиф ширкат ва суханронӣ кардааст.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» аз 22.02.2023 дар бораи ба Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич додани дараҷаи илмии

номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатстионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. Адабиётшиносӣ (**10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)** мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«Тарафдор» - 12
«Зид» - нест
«Варақаи беэътибор» - нест

**Раиси шурои диссертатсионӣ:**
**доктори илми филология,**
**профессор** **Ҳасанзода А.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ:**
**номзади илми филология,**
**дотсент** **Шарипова М.З.**
**03-юми майи соли 2023**